**ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚӢ ОМИЛИ ПЕШГИРИИ ХУРОФОТПАРАСТӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН**

«Зеро бо бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ҷомеа ба ҷойе намерасад»
(Дар Ҳошияи Паёми Пешвои миллат аз 21.12.2022)

Маънои луғавии калимаи хурофотпарастӣ - пайравӣ ва боварӣ ба ақидаҳои мавҳум ва хурофӣ, яъне ақида ва фикрҳои пучу беасос аст.

Хурофот вожаи арабист ва решаи он "хараф" ба маънои "чидани мева" ё "пирӣ ва фасод" аст. Хуроф ба маънии гӯсфанд, ҷамъи хурофот вожаи арабист, ки ба маънои вожаи шодмоние, ки асоси ботил дорад ва дар форсӣ ба маънии вожаҳои дурӯғ ва афсонаҳое, ки асл надоранд, вале хушоянд ва писандидаанд ва дар зингдагии воқеии мардум нақш доранд, омадааст. Истилоҳи хурофот эътиқоди беасос аст, ки бо ақл, мантиқ, илм, дин ва воқеият созгор нест. Ба хурофот дода шудан хусусияти психологӣ, иҷтимоӣ ва динӣ дорад. Дар ҷомеа одамон ба рафтори дигарон аҳамият дода, аз ӯҳдаи рафъ намудани пастию баландии зиндагӣ набаромаданд, ру ба тақлидҳои бешуурона мекунанд ва ҳодисаву воқеаҳо, иттилооти берунаро ба тавri ноогоҳона қабул мекунанд. Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) фармуданд: «Хурофот ширк ба Худо, хурофот ширк кардан ба Худо ва бисёре аз мо фикр мекунанд, ки ин эътиқоди комил аст, вале дар ҳар коре таваккал бар Худо кардан дуруст аст». Мутобиқ бо таълимоти динӣ хурофот бовариҳое мебошанд, ки бар матни аслии дин созгор нестанд ва пайравони он дин ин амалҳоро дар асли диндории худ хурофот меҳисобад. Хурофот эътиқод ба амали қувваҳое мебошад, ки бо қонунҳои табиат шарҳ дода намешаванд ва ба ҳаёти одамон ва ҳайвонот таъсири судманд ё зароровар мерасонанд, Майнаи кӯдакону наврасон осебпазир буда, афкору ақидаи онҳоро ба тарафи нодуруст будан кори осон аст. Дар ин синну сол ба кӯдакону наврасон ҳар чӣ талқин карда шавад, онро ҳақиқат меҳисобанд ва ба худ қабул мекунанд. Дар натиҷа ҷавонон ва нарасон дар як муддати кӯтоҳ хурофотпарасту гумроҳ шуданашон мумкин аст. Бинобар ин, зимни таълимоти қонунии динӣ тамоми ҷанбаҳои асолати ислом ба наврасон ва ҷавонон омузонида шавад, ба манфиати ҷомеа аст ва ин амал заминаи мусоид барои аз байн бурдани тухми хурофот ва ифротгароӣ аст. Дар ин миён зимни дасисаҳо ва бозиҳои сиёсии ҷаҳон ҷавонони мо бояд рӯҳи шикастнопазир дошта бошанд.

Яке аз омилҳое, ки барои пешгирии хурофотпарастӣ муҳим ва асосӣ ба ҳисоб меравад, ин зиёд намудани ҷаҳонбинии илмии тамоми ҷавонон ва шаҳрвандон аст. Омили дигар мустаҳкам намудани тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ва наврасон мебошад, ки унсурҳои тарбияи ватандустӣ, инсондустӣ, поквиҷдонӣ, некиву накӯкорӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Инчунин, ҷалб

намудани насли наврас ва ҷавон ба ҳаёти ҷамъиятӣ иҷтимоӣ, иштироки онҳо дар чорабиниҳои фарҳангӣ, маърифатӣ, варзишӣ низ боиси болоравии сатҳи ҷаҳонбинии онҳо мегардад. Дар робита ба шароитҳои мусоиде, ки имрӯзҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои насли наврас ва ҷавон фароҳам овардааст, моро лозим аст ҳама чун як тан дар зери ливои миллат муттаҳид бошем, сарбозу сарсупоридаи Ватан бошем.

Сулҳу суботи мамлакатамонро чун гавҳараки чашм нигоҳ дорем. Ба қадри неъмати бебаҳо – амният ва сулҳу субот бирасем ва бо иҷрои вазифаи инсонии худ - омухтани илму дониш, дар ҳифзу ҳимояи Ватани азиз ҳарис бошем.

Вақти он аст, ки аз хоби ҷаҳолат сари хеш,
Барканӣ, то ба сарат барвазад аз илм насим.

Мавлоно

***Тоҳириён Шаҳло*** - *номзади илмҳои филология, сардори Раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*